PIAS

# Тавсиянома барои фермерон

Чилди.15



# ПАРВАРИШИ Сирпиёз

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA), «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия ва нашр карда шуд.

Ҳуқуқи муаллифиро ба ин дастурамал танҳо Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дорад.

Ҳангоми истифода бурдан ва ё аз нав чоп кардани қисми мавод номи JICA бояд дарҷ карда шавад.

**Муаллифон:**
Турсунбой Ахмедов - аъзои вобастаи АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ
Бахром Сангинов - корманди калони илмӣ
Ҷамшед Толиҳов - корманди калони илмӣ.
**Мушовирон:**
Масаказу Канамото, Хироши Кикучи, Такеши Абе ва Туракул Муродов.

**Душанбе – 2012**

# МУНДАРИЧА

Маълумоти умумӣ / Хусусиятҳо ... 1

Навъҳо ... 1

Киштгардон ... 2

Нақшаи мавсимӣ барои кишт ... 3

Интихоби замин ... 3

Тайёр намудани замин ... 3

Кишт ... 4

Нигохубин ... 4

Парвариш ва нигоҳубин (Нуридиҳӣ) ... 4

Обдихи ... 5

Мубориза бар зидди алафҳои бегона ... 5

Ҷамовари ва нигоҳдории ҳосил ... 5

Касалиҳо ва хашаротҳо ... 6

Касалиҳо ... 6

Хашаротҳо ... 8

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ / ХУСУСИЯТҲО

Сирпиёз растании бисёрсола мебошад. Сирпиёзро дар шароити Тоҷикистон дар ҳамаи минтақаҳо парвариш мекунанд. Ин зироат ба ду гурух тақсим мешавад, мувофиқи хусусиятҳои биологи худ дар тирамоҳ ва баҳор кишт мешавад. Хусусиятҳои навъ ба муносибати растани нисбати шароитҳои парвариш ва нигоҳдори алоқаманд аст. Сирпиёзи баҳорӣ одатан баргҳои борик дошта нисбатан камҳосил аст. Сирпиёзи тирамоҳӣ серҳосил мешавад.

Гулдастааш рост, то 60-150 см қад мекашад. Сирпиёз тухм набаста пиё-закҳои ҳавои пайдо мекунад. Дар хушагӯлаш аз 60 то 350 пиёзак ва тақрибан ҳамин миқдор муғча ҳосил мешавад (аммо ин муғчаҳо ношукуфта хушк мешаванд). Пиёзаки хушагул ба андозаи аз дони ҷав то олуболу аст. Онро барои зиёд кардани сирпиёз истифода мебаранд. Соли аввал аз он пиёзакҳои якдандона ва соли дуюм пиёзаки сердандонаи муқаррарӣ пайдо мешавад.

## НАВЪҲО

### Ҷжалилободй



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Тезпаз |
| **Мухлати кишт:** | Тирамоҳӣ |
| **Вазн:** | 40-45гр |
| **Давраи наъшунамо:** | 220-225 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 110-140 с/га |

**Эзох:** Микдори сарфаи тухмии сирпиёз дар 1 га ба 1000 -1200 кг мерасад. Бехпиёзаш гирд, ранги пулакчаҳояш бунафш зиччиаш миёна микдори дандонҳояш 8-12 дона.

### Душанбегӣ -2



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Тезпаз |
| **Мухлати кишт:** | Тирамоҳӣ |
| **Вазн:** | 36-45гр |
| **Давраи наъшунамо:** | 219-223 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 90-125 с/га |

**Эзох:** Ин навъ ба хунукӣ тобовар мебошад. Микдори сарфаи тухмии сирпиёз дар 1 га ба 1000 -1200 кг мерасад.

### Узбекистонӣ



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Тезпаз |
| **Мухлати кишт:** | Тирамоҳӣ |
| **Вазн:** | 36-45гр |
| **Давраи наъшунамо:** | 218-225 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 105-130 с/га |

**Эзох:** Микдори сарфаи тухмии сирпиёз дар 1 га ба 800-1000 кг мерасад.

### Сочигӣ



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Миёнапаз |
| **Мухлати кишт:** | Баҳорӣ |
| **Вазн:** | Гр |
| **Давраи наъшунамо:** | 185-195 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 80-90 с/га |

**Эзох:** Микдори сарфаи тухмии сирпиёз дар 1 га ба 800-1000 кг мерасад.

### Бунавши маҳаллӣ

| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Миёнапаз |
| **Мухлати кишт:** | Тирамоҳӣ |
| **Давраи наъшунамо:** | 220-225 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 100-115 с/га |
| **Эзох:** | |

## КИШТГАРДОН

| | | |
|---|---|---|
| ✔ | Баъд аз | карами барвақти, бодаринг, лӯбёгӣ ва ғалладонагиҳо тавсия дода мешавад. |
| ✘ | Баъд аз | Картошка тавсия дода намешавад. |

**Киштгардон барои кишти Сирпиёз (4 қитъагӣ)**

| Сол | Қитаи замин | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | Сирпиёз | Бодиринг | Мош ё ғалагиҳо | Карам |
| 2 | Карам | Сирпиёз | Бодиринг | Мош ё ғалагиҳо |
| 3 | Мош ё ғалагиҳо | Карам | Сирпиёз | Бодиринг |
| 4 | Бодиринг | Мош ё ғалагиҳо | Карам | Сирпиёз |

## НАҚШАИ МАВСИМӢ БАРОИ КИШТ

### ИНТИХОБИ ЗАМИН

Сирпиёз дар заминҳое, ки хокашон сабуку ҳосилхез ва чуқур ҷойгир шудани обҳои зеризаминӣ, хуб наъшунамо ёфта, ҳосили баланд медиҳад. Дар заминҳои ботлоқӣ ва баланд ҷойгир шудани обҳои зеризаминиашон растаниҳо хело суст наъшунамо ёфта, ба сафолаки сахти замин дучор шуда, зичии ниҳолҳо низ хело кам гашта ҳосилнокии он ниҳоят паст мешавад.

### ТАЙЁР НАМУДАНИ ЗАМИН

Асоси гирифтани ҳосили баланд ин сари вақт ва бо сифати баланд тайёр намудани замин барои сирпиёз мебошад. Заминро ба чуқурии 5–7см чархмола карда, чӯяк мегиранд ва баон об мемонанд. Пас аз 10–12 рӯз заминро ба чуқурии 30–35 см шудгор намуда, онро ҳамвор ва бо чизел коркард мегузаронанд.

## КИШТ

Сирпиёзи баҳориро моҳои феврал–март ва тирамоҳӣ бошад дар миёнаи моҳҳои сентябр–октябр кишт карда мешавад. Сирпиёзро дастӣ ё бо ёрии тухмпошаки СЛН- 8А мекоранд.

Пеш аз кишт ҷуяк мекашанд (масофаи байни ҷӯякҳо 60–70см) як ҳафта пеш аз кишт дандонаҳои пиёзакҳоро ҷудо мекунанд. Одатан дандонаҳои ҳаҷмашон калон ё миёна интихоб карда мешавад, чунки пиёзаки аз он ҳосилшуда низ калону серҳосил мешавад.

Дандонҳоро дар чуқурии 5-10см зери хок мекунанд (вобаста ба ҳаҷми дандонҳои сирпиёз). Ба як гектар 800 то 1200кг пиёзак кошта мешавад.








## НИГОХУБИН

### ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИН (НУРИДИҲӢ)

Ба ҳар як гектар 25–30 тонна пору, 200–300 кг нуриҳои фосфорӣ ва 100–150кг нуриҳои калидор мепошанд. Баъд заминро дар чуқурии на кам аз 30–35 см шудгор ва сихмола мекунанд. Баҳор баъди хишоваи якум ғизои иловагӣ.

| | Мӯҳлати истифодабарӣ | Номгӯи нуриҳо | Меъёри истифодабарӣ (кг\га) |
|---|---|---|---|
| 1 | Пеш аз шудгор | Нуриҳои органикӣ | 25-30,000 (25-30t) |
| 2 | Пеш аз кишт | Нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиакӣ) | 150-250 |
| | | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | 200-300 |
| | | Сулфати калий | 100-150 |
| 3 | Дар вакти нашъунамо | Нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиакӣ) | 100-150 |
| | | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | 100-120 |

## ОБДИҲӢ

Барои сабзиши муътадили сирпиёз пас аз кишт ба замин 1–2 маротиба об монда, байни қаторҳоро вобаста ба майдони он дасти ё бо ёрии култиватор нарм мекунанд, заминро ковок ва аз алафҳои бегона тоза меку-нанд

Миқдори умумии обмони ба кишти сирпиёз 8–10 маротиба мебошашд. Культивасияи сирпиёз баъд аз ҳар обмони гузаронида мешавад. Дар вақташ канда гирифтани нуги гулдастаи сирпиёз имконят медиҳад, ки ҳосилнокии он 15–20 % зиёд шавад. Дар замини сирпиёз 20–30 руз пеш аз ҷамъоварии ҳосил обмониро қатъ мекунанд.

## МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ АЛАФҲОИ БЕГОНА

Алафҳои бегонаро бошад ба даст ва ё ҳангоми нармкуни бо белу каланд нест мекунанд, инчунин барои нобуд кардани онҳо низ аз гербицидҳо истифода мебаранд:

Раундап 36% м.о. бо меъёри 4-6л/га, ё ин ки 60мл дар 10 литр об, ба муқобили ҳаммаи алафҳои бегона, 3-5 руз пеш аз кишт ё ин ки дар вақти пурра сабзидани алафҳои бегона дар ҳолати нам будани замин истифода мебаранд.

Пантера 4,0 % к.э., бо меъёри 1.5 л/га, ё ин ки 15 мл дар 10 литр об, ба мукобили алафҳои яксола ва бисёрсола дар давраи сабзиши алафҳои бегона, мепошанд.

Гоал 24 % к.э., бо меъёри 0.5-1.0л/га, ё ин ки 10мл дар 10 литр об ба муқобили алафҳои бегонаи дупалагӣ то дубарга шудани алафҳои бегона.

Стомп 33 % к.э., бо меъёри 2-5л/га, ё ин ки 50мл дар 10 литр об ба муқобили алафҳои бегонаи хушадор ва дупалагӣ, инчунин алафҳои бегонаи дусола. Ба замини шудгор пеш аз кишт то неш задании тухми алафҳои бегона, истифода мебаранд.

# ҶАМОВАРИ ВА НИГОҲДОРИИ ҲОСИЛ

Яке аз аломатҳои пухта расидани сирпиёз ин зард шудани баргҳои, поёнии он мебошад. Сирпиёзи тирамоҳӣ нисбатан аз баҳори серҳосилу хушсифатар буда, дар тирамоҳу замистон хуб нигоҳ дошта мешавад.

Ҳосилро сари вакт, моҳҳои июн – июл бояд ғундошт, то он бесифат ва дандонҳояш чудо нашавад. Чунин сирпиёзро хусусан дар зимистон нигоҳ доштан душвор аст. Пиёзакҳоро пешакӣ бо лаблабуковак кофта, пас дастӣ ҷамъ меоранд, онро 10–12 рӯз дар офтоб мехушконанд, баргҳояш-ро 3–4см монда мебуранд. Сирпиёзро дар ҳарорати 1–3°С нигоҳ медо-ранд.

# КАСАЛИҲО ВА ХАШАРОТҲО

## КАСАЛИҲО

### Гардзании қалбаки (Переноспориоз)







**<u>Нишонаҳо:</u>** Яке аз касалиҳои хавхноктарини сирпиёз буда, аз ҳама бештар ба кишти пиёз ва сирпиёз зарари калон расонида, ҳосили онро қариб,ки ба пурраги несту нобуд мекунад. Ин касалии замбурӯғӣ буда, дар паст фаромадани ҳарорати ҳаво ва аз ҳад зиёди нами он ва боронгари и зиёд зуд афзоиш ёфта ба нест шудани ҳосил оварда мерасонад. Ангезандаи он Peronospora destructor. Тасовути пиёзак ва боқимондаҳои растании паҳн мешавад. Дар барги, растаниҳо ва гулпояҳои пиёзи тухмӣ доғи равғани хокистаранг ва гарди ғафси бунафши хокистарӣ мушоҳида мегардад. Узвҳои осебдида зард ва хушк гардида, нобуд мешаванд.

**<u>Чораҳо:</u>**

Ҷорӣ кардани системаи киштгардон дар парвариши сирпиёз

Истифода бурдани фунгицидҳо, ба монанди Арсерид, Ридомил Голд–Мц-60, Даконил. Дар 10 литр об 20-30 грамми ин доруҳоро истифода бурдан лозим аст. Барои он,ки таъсирашон ин хубтар бошад дар вақти истифодаи онҳо ба маҳлул як қошуқи майда айна ҳамроҳ кардан лозим аст, чунки барги пиёз ба монанди перо буда, об зуд ба замин мерезад ва айна онро ба баргҳо мечаспонад ва фоидаи истифодабарии ин захрхимикатҳо зиёд мешавад. Ин амалро дар давраи наъшунамои сирпиёз, дар 4-5 маротиба гузарононидан лозим аст.

## Пусиши сафед (белая гниль)

**Нишонаҳо:** касалии замбуруғии хафнок ба шумор меравад. Сирпиёз ҳам дар давраи нашъунамо ва ҳам дар давраи нигоҳдорӣ зарар мебинад. Ҳангоми ба ин касалӣ дучор шудан, баргҳои растанӣ зард мешаванд, зардшави асосан аз нуги барг инкишоф ёфта, оқибат он нобуд мешавад. Дар вақти нигоҳдорӣ донаҳои сирпиёз обдор гашта мепусанд. Дар реша ва гарданаки он доғҳои сафеди занбуруғӣ пайдо мешавад. Замбуруғ дар ҳарорати +10-20$^{0}$ хуб инкишоф меёбад.

**Чораҳо:**

пеш аз ҳама интихоби дандонакҳои солими сирпиёз ба ҳисоб меравад. Ба пураги пухта расидани сирпиёз бояд аҳмият дод, онро дар соя, дар ҳавои кушод, дар як қабат ва баъд 7-10 рӯз дар хона-ҳои махсус дар ҳарорати +26-35$^{o}$ хушконидан лозим аст.

## Мозайкаи сирпиёз (мозайка чеснока)

**Нишонаҳо:** касалии вирусӣ буда, асосан ба барг ва гулҳои растани зарари худро мерасонад. Дар баргҳои растанӣ хатҳои дарози ранги сабзи равшандошта, пайдо мешавад. Дар бисёр ҳолат баргҳои растанӣ аз нашъунамо монда, хушк мешаванд. Нуги барги сирпиёз хам шуда, дар он хатҳои мозайкашакли дароз дида мешавад. Паҳнкунандаи ин касали канаӣ чорпои сирпиёз мебошад.

**Чораҳо:**

чораҳои асосии мубориз аз касалиҳои вирусии сирпиёз ин интихоби дандонакҳои солими сирпиёз барои кишт, муҳофизат аз барангезандагони вирусӣ аз қабили ҳашаротҳо, аз растаниҳои солим гирифтани тухмӣ, аз майдони кишт нест кардани растаниҳои ба ин касали гирифтор бошад.

## Зангзанӣ (ржавчина)

**Нишонаҳо:** касалии замбуруғи ба шумор меравад. Дар баргҳои сирпиёз варамчаҳои болишмонанди ранги зарди равшандошта пайдо мешаванд. Баъд онҳо сиёҳ мешаванд, баргҳо бошанд хушк шуда пеш аз вақт мерезанд. Замбуруғ дар боқимондаи зироатҳои ба ин касали дучор шуда зимистонро мегузаронад.

**Чораҳо:**

риоя намудани кишгардон, канда партофтани раста-нии касал дар давраи гулкунӣ, ба майдони кишт дар давраи нашъунамо пошидани моеъи бордосӣ ё хлороксиди мис (40 грам дар 10 литр об), баъди ғунучин нест кардани боқимондаи зироатҳо, барои кишт гириф-тани маводи тухми хушсифат.

## Пусиши гарданаки реша (щейковая гниль)

**Нишонахо:** яке аз касалиҳои хафноки сирпиёз ба шумор меравад. Барангезандааш замбуруғ мебошад. Нишо-наҳои аввали он ҳангоми ба замин хоб рафтани баргҳои сирпиёз дар майдони кишт мебошад, ки ин боиси афзоиш ёфтани касалӣ мегардад. Ҳосили зарардида дар вақти ҳосилғундорӣ ба назар намерасад, ки ин боиси дар анборҳо пайдо шудани барангезандаи касали мегардад. Нишонаҳои касалӣ дар анбор ҳангоми нигоҳдори (сентябр-октябр) ба вуҷуд меояд. Донаҳои сирпиёз обдор шуда мепусанд, рангашон сабзи сурхча шуда, бӯи ғализ пайдо мекунанд.

**Чораҳо:**

пеш аз ҳама интихоби дандонакҳои солими сирпиёз. Ба пуррагӣ пухта расидани сирпиёз бояд аҳмият дод, ки онро бояд дар соя дар ҳавои кушод, дар як қабад ва баъд 7-10 рӯз онро дар хонаҳои махсус дар ҳарорати +26-35 ° хушкониканидан лозим аст.

## ХАШАРОТҲО

### Трипси тамоку



Дарозии баданаш тақрибан 1 мм. Рангаш зардча, болаш борики қонотҳояш шилшиладор; кирминааш бебол аст. Тухмаш лӯбиёшакл, сафедча (дарозиаш 0.21-0.25 мм). Тақрибан ба 400 намуди растанӣ (аз ҷумла пахта, юнучқа, бодиринг, каду, харбуза, пиёз, картошка, карам, сирпиёз, помидор ва дигарон) зарар мерасонад. Дар шароити Тоҷикистон (дар давраи тобистон) трипси тамоку 10 маро-тиба насл медиҳад. Трипси тамоку ва кирминаи он шираи растаниҳоро мемаканд. Дар натиҷа ҳосили зироат кам ва сифати он паст мешавад. Трипси тамоку гузаронанда бисёр касалиҳои вирусӣ низ мебошад. Он дар кишти сирпиёз дар нимаи моҳи март то охири давраи нашъунамои он пайдо, шуда зарари худро мерасонад.

### Пашшаи пиёз




Ин намуди ҳашарот асосан ба барг ва бехи сирпёзро осеб мерасонад. Пашша на он қадар калон буда, дарозиаш 1.5 -2.0мм. Тухмаш хело хурд, сафед, дарозиаш 0.3-0.4 мм. Кирминааш сафед буда дарозиаш 7-8мм. Дар зери пусти сирпиёз дар шакли зоча зимистонро мегузаронад. Парвози пашшаҳо аз моҳи апрел сар шуда, то охирҳои май ва июн давом мекунад. Онҳо барги сирпиёзро хурда, нишонаҳо ба монанди хати сафед мегузоронд. Кирминаи он ба дохили барг ва бехи пиёз даромада бо он осеб расонида сифати молии онро паст мекунад.

## Нематодаи танагӣ



Ин нематода асосан зарари худро ба танаи сирпиёз мерасонад. Нематода ин кирмаки хурди андозааш 1–1.5 милиметр дарози ва ғавсиаш 0,4 милиметр мебошад. Онҳо асосан дар бофтаҳои сирпиёз тухм мегузоранд. Ҳангоми сирояти ин ҳашарот баргҳо зард мегарданд, растанӣ аз афзоиш боз мемонад ва ҳосили сирпиёз шакли дигарро мегирад. Ин гуна шаклҳои сироятшудаи сирпиёзро дар анборҳо нигоҳ намедоранд ва дар истеҳсолот барои кишт намудан низ истифода намебаранд.

## <u>Чораҳо:</u>

Барои нест кардани ҳашаротҳои зараррасони сирпиёз аз инсектисидҳо ба монанди: Нурелл-Д, Десис, БИ-58 новый бо меъёри 20мл дар 10л об ё ин ки Моспилан ё Конфидор бо меъёри 10мл дар 10 л об, истифода бурдан лозим аст.